# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

1. Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида шудааст. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки даромади ҷинояткорони марбут ба истифодаи ғайриқонунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷаҳон, пас аз даромад, аз тиҷорати маводи мухаддир ва силоҳ дар ҷойи сеюм қарор дорад. Ин ба пайдоиш ва ташаккули як намуди нави фаъолияти ҷиноятӣ, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ки дар замони муосир ба сатҳи хеле баланд расидааст, мусоидат намуд.

Қобили зикр аст, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ генезисӣ (пайдоиши) доимии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро асоснок намуда, зарурати таваҷҷуҳи ҷиддиро ба ин самт аз ҷониби давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи илмӣ тақозо менамояд. Имрӯз, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот як мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, метавон афзоиши босуръати ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар тамоми бахшҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд намуд. Бо вуҷуди шумораи зиёди ҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК), дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» вуҷуд надорад, ки ин на танҳо барои таҳияи чораҳои ҳуқуқӣ оиди мубориза бар зидди ин навъи ҷиноят дар сатҳи миллӣ, балки барои ҷамъоварии маълумоти муқоисашавандаи оморӣ, рушди системаи ягонаи баҳисобгирӣ, дар сатҳои гуногун мушкилотҳои зиёдеро ба миён меорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, ки 23 декабри соли 2022 ироа гардид, изҳор доштанд, ки гурӯҳҳои муташаккили фаромарзӣ имрӯз бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ роҳу усулҳои тозаро ба кор мебаранд, то шаҳрвандонро ба сафи худ ҷалб намоянд ва шахсони камтаҷрибаю ноогоҳро бо ақидаҳои ифротӣ гумроҳ созанд. Барои илми ҳуқуқшиносӣ дар айни замон таҳияи системаи махсус ва ё мафҳумҳое, ки тавсифи дақиқи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро аз нуқтаи назари тарзи содир намудан ва тасниф намудани ин кирдорро таъмин мекунанд, зарур аст. Кӯшишҳо дар ин самт аслан дар сатҳи тадқиқоти назариявӣ мебошанд ва ин мушкилот барои олимони мо низ хеле мубрам аст, зеро онҳо танҳо дар солҳои 90-уми асри гузашта ба он диққати ҷиддӣ дода буданд. Дар воқеъ «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот» - ин гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси

истифодабарандаи он, ворид гардидан ба маълумоти махфӣ, ғайриқонунӣ дастрасӣ пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ маҳфузанд» ифода мегардад. Бояд тазаккур дод, ки тибқи маълумоти Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ, шахсоне, ки тавассути истифодаи ТИК дар фазои маҷозӣ (дар шакли «мустақим») ҷиноят содир менамоянд, яке аз панҷ хатари асосии ҷаҳонии таҳдидкунанда ба амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар мавҷудият ва фаъолияти муваффақонаи тамоми бахшҳои иқтисодиёт чунин шахсон хатар эҷод менамоянд. Мутаасифона, ҳангоми истифодаи номувофиқ, рушди ТИК метавонад бар зарари аъзои ҷомеа истифода бурда шавад ва боиси пайдо шудану такмил ёфтани зӯровариҳо ва таҳдидҳои мухталиф гардад, ки на ҳама вақт дидашавандаю ошкоршавандаанд.

Мушкилоти пешгиринамоиву муқовимат бо ин гуна зуҳуроти номатлуб бошад, махсусан аз табиати ноаён доштани онҳо вобаста аст.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода ёфтааст, ки ин таҳқиқот аввалин кори диссертатсионии мукаммал дар мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ба шумор рафта, он равиши нави консептуалиро барои арзёбии кирдорҳое пешниҳод мекунад, ки бо истифода аз технологияҳои гуногуни иттилоотӣ содир мешаванд. Дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлили маводи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ зарурати муайян кардани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ҳамчун маҷмуи алоҳидаи кирдори барои ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ, ки қаблан дар сатҳи қонунгузорӣ ва дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда нашудаанд, асоснок карда шудааст. Дар маҷмуъ ин рисола як ҳамгироии инноватсионии методологиро ташаккул медиҳад.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад, ки ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт

ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо, ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи эксперти ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи эксперти диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперти муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мебошад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия;

- **Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. **Ба ҳайси муассисаи пешбар** – Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Азиззода У.А.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Қудратов Н.А.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати
прокурории факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Ҷалолов Х.Ғ.

Имзоҳои Азиззода У.А. ва Ҷалолов Х.Ғ.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

Имзои Қудратов Н.А.- ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

«06» 12 2025 с.